# Ҳуқуқ ба озодии иттиҳодия (ассотсиатсия)

## Таҷрибаи пешқадам: ҳолатҳои асосӣ

Официалдуу эмес котормо; мазмуну БУУнун Атайын Баяндамачысы тарабынан текшерилбеген
Unofficial translation; content not verified by the UNSR

### Оё мо ӯҳдадорем, ки ҳамчун иттиҳодия аз қайд гузарем?

**Не**

Ҳуқуқ ба озодии ассотсиатсия иттиҳодияҳои бақайгирифташуда ва бақайдгирифтанашударо дар сатҳи баробар ҳифз менамояд. Шахсоне, ки дар иттиҳодияҳои бақайдгирфтанашуда иштирок мекунанд, бояд имконияти озодона амалӣ намудани ҳамагуна намуди фаолияти қонуниро дошта бошанд, аз ҷумла ба гирдиҳамоиҳои осоишта ва иштирок намудан дар он ҳуқуқ доранд, ва набояд ба таъқиботи ҷиноятӣ гирифтор шаванд (A/HRC/20/27, саҳ. 14, б. 56).

### Оё нисбати ман ҳуқуқ ба озодии ассотсиатсия паҳн пешавад?

**Бале**

Фарқ надорад, ки Шумо кӣ ҳастед. Моддаи 22 Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои фитри ва сиёсӣ (ПБХФС), ҳуқуқ ба озодии иттиҳодияро нисбати ҳама, чӣ тавре ки дар худи Паймон пешбинӣ шудааст, эътироф менамояд. (ниг. М. 2 оид ба ғайритабъизӣ) ва Қарордодҳои (резолютсияҳои) 15/21, 21/16 ва 24/5 Шӯърои ҳуқуқи инсон. Дар қарордоди худ 24/5 Шӯъро ба давлатҳо оид ба ӯҳдадории эҳтиром ва ҳифзи ҳуқуқи ҳамаи инсон ба гирдиҳамоиҳои осоишта ва озодии ассотсиатсияҳо, ҳам дар Интернет ва дар ҳаёти ҳақиқӣ, аз ҷумла дар раванди интихобот, бодарназардошти намояндагони ақалиятҳои миллӣ ва фикру андешаҳои махсус, ки барои амалигардонӣ ва ё пешбарии ин ҳуқуқҳо равона гардидааст, ёдрас менамояд. (A/HRC/26/29, саҳ. 9, б. 22). Қонунгузорӣ барои ягон кас, аз ҷумла кудакон, шаҳрвандони хориҷӣ, ба намояндагони ақалиятҳои миллӣ ва ё забонӣ, шахсони аз ҳисоби ЛГБТИ, занон ва ғ. набояд ягон маҳдудиятро (A/HRC/20/27, саҳ. 14, б. 54; A/HRC/26/29, саҳ. 6-7, б. 18) пеш орад. Ҳуқуқ ба озодии ассотсиатсия ҳамчунин ба шахсони ҳуқуқи алоҳида паҳн мегардад (масъалан, ду ассотсиатсияе, ки мақсади муттаҳид шуданро доранд).

### Оё давлат ӯҳдадорӣ барои мусоидат намудан дар амалигарони ҳуқуқ ба ассотсиатсияро дорад?

**Бале**

Давлатҳо барои қабул намудани чораҳои мусбӣ оид ба дастгирӣ ва фароҳам овардани шароит, ки барои мусоидат намудани дар фаъолияти иттиҳодия ӯҳдадор мебошанд. Аъзоҳои иттиҳодия дар амалӣ намудани ҳуқуқи худ ба озодии ассостиатсия, бе доштани тарс аз таҳдид ва зурӣ, аз ҷумла таъқибот, қатл бе риояи тартиботи ҳуқуқии лозима ва ё худсарӣ, ҳабс ва ё дастгирии худсарона, шиканҷа, тӯҳматгароӣ дар ВАО, манъ намудан дар гашту гузор, бояд имконият дошта бошад (A/HRC/20/27, саҳ. 15-16, б. 63). Давлатҳо ҳамчунин барои амалӣ намудани ҳуқуқ ба озодии ассотсиатсия набояд беасос монеа ба вуҷуд оранд. Аъзоени иттиҳодия имконияти озодона муқаррар намудани низомнома, сохтор, фаъолият ва бе дахолат намудани давлат қарор қабул намояд. Иттиҳодҳо ба ғайр аз ин бояд ҳуқуқи баен намудани ақидаи худ, паҳн намудани маълумот ва дар фаъолияти худ ҷамъиятро ҷалб намояд ва назари худро назди ҳукумат ва ташкилотҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон, ҳуқуқи ҳифз намуданро доранд (A/HRC/20/27, саҳ. 16, б. 64).

### Агар ман хоҳиши ташкил намудани шахси ҳуқуқиро дошта бошам, метавонанд аз ман ба қайд мондани онро талаб намоянд?

**Бале**

Талаб намудани ин ё он шакли бақайдгирӣ ҳангоми ташкил намудани иттиҳодияе, ки ҳуқуқи субъективии хусусӣ пайдо мекунад , дар баробари ин зарур аст, то мансабдорони ҳукумати бовиҷдонона, дар мӯҳлат ва ғайри интихобӣ амал намоянд. Маъръӯзачии махсус, ба таҷрибаи пешрафта, тартиби номурракабӣ ва номушкилиро, ки мумкин ройгон ва фавран аст нисбат мебарад (A/HRC/20/27, саҳ. 14, б. 57; A/HRC/RES/22/6). Бақайдгирӣ набояд ҳамчун имтиҳон барои гирифтани иҷозат баррасӣ гардад. Хусусан дар ташкил намудани ташкилот, тартиби огоҳинамоӣ бошад, на тартиби иҷозавӣ (A/ HRC/20/27, саҳ. 21, б. 95). Ҳангоми тартиби огоҳинамоии иттиҳодия дар вақте, ки асосгузорони он ба намояндагони ҳукуқмат оид ба ташкил намудани иттиҳодия хабар доданд ба тариқи автоматӣ вазъи шахси ҳуқуқиро ба даст меорад. Дар баробари ин чунин огоҳӣ бояд шарти пешакии амалинамоии ассотсиатсия набошад (A/HRC/20/27, саҳ. 15, б. 58). Қонунҳои азнавқабулшуда, азнавбақайдгирии иттиҳодияи алакай бақайгирифтаро набояд талаб намояд (A/HRC/20/27, саҳ. 15, б. 62).

### Оё намояндагони Ҳукумат метавонанд, маро огоҳ накарда аризаамро ба мӯҳлати номуайян гузоранд ва ё рад намоянд?

**Не**

Мақомотҳои бақайдгиранда ӯҳдадоранд фавран амал намоянд, қонун барои қабул намудани чунин қарор оид ба чунин ҳуҷҷатҳо бояд мӯҳлати фишурдаро пешбинӣ намояд. Дар ин мӯҳлат фаъолияти иттиҳодияро дар асоси қонун амалнамуда шумоn ридан лозим аст, то дигар ҳолат ипешбинӣ нашуда бошад. Агар ҷавоб дар давоми вақти фишурдашудаи муайян пешниҳо нагардида бошад, амали иттиҳодия дар асоси қонунӣ ҳисобида мешавад (A/HRC/20/27, саҳ. 15, б. 60). Дилхоҳ қарор оид ба рад намудани ҳуҷҷатҳо ва ё ариза бояд асоснок карда шуда, дар вақташ ба арзкунанда дар шакли хаттӣ расонида шавад. Ҳуҷҷатҳои иттиҳодияҳое, ки рад карда шуда буд бояд дар суди мустақил ва беғараз имконияти мубоҳиса карданро дошта бошанд (A/HRC/20/27, саҳ. 15, б. 61).

### Оё давлат ба иттиҳодияҳо ва ташкилотҳои тиҷоратӣ бояд муносибати якхела дошта бошад?

**Бале**

Аз чораҳое, ки номутаносиб тақсимбандӣ мекунад ва ё пастзанандаи ташкилотҳои ҷамеаи шаҳрвандӣ аст: ба мисли, сахтгир будани қоидаҳои санҷишӣ ва дигар талаботҳо, ки нисбати иттиҳодияҳо буда, ба ташкилотҳои тиҷоратӣ дахолат надорад (A/HRC/23/39, саҳ. 8, б. 24). Масъалан бақайдгирии иттиҳодия, назар ба ташкилоти тиҷоратӣ, набояд раванди вазнин ва ё душвор бошад (A/HRC/26/29/Add.2, саҳ. 14-15,бб. 56-58).

### "Иттиҳодия" чист?

«Иттиҳодия» («ассотсиатсия») ҳар гуна гурухи воқеъи ё\ва ё ҳуқуқиест, ки фаъолияти коллективона буда, барои ифода, пешбарӣ, амалӣ ва ё ҳифз намудани манфиатҳои умумӣ дар ягон соҳа ҷамъ омадаанд (A/ HRC/20/27, саҳ. 13, б. 51). Бархе намудҳои паҳншудаи иттиҳодияҳо аз ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, клубҳо, кооперативҳо, ТҒҲ, иттиҳодияҳои динӣ, ҳизбҳои сиесӣ, иттифоқҳои касаба, фондҳо, иттиҳодияҳо, ки бар тартиботи "он-лайн" амал мекунанд иборат мебошанд (A/HRC/20/27, саҳ. 13, б. 52).

### Ҳуқуқ ба озодии ассостсиатсияҳо чист?

Агар бо суханони оддӣ гуем, ҳуқуқ ба озодии ассотсиатсияҳо, ҳуқуқи ташкил кардан ва ё ворид шудан ба гуруҳи ҳамақидагон ва манфиатҳои умумӣ доштанро ҳифз мекунад. Гуруҳҳо метавонанд расмӣ ва ё ғайрирасмӣ бошанд; барои он ки ҳуқуқи озодии ассотсиатсияҳо амал кунад, ба қайд гирифтани иттиҳодия ҳатмӣ нест (A/HRC/20/27, саҳ. 14, б. 56). Барои ташкил намудани иттиҳодия, иштироки ду нафар кофӣ аст (A/HRC/20/27, саҳ. 14, б. 54).

### Барои чӣ ҳуқуқ ба озодии ассотсиатсияҳо чунин муҳим аст?

Ҳуқуқ ба озодии ассотсиатсияҳо - яке аз ҳуқуқҳои муҳимтарини инсон ба шумор меравад, ки мо соҳиби он мебошем. Дар баробари озодии гирдиҳамоии осоишта яке аз ҳуқуқҳои асосии инсон ба шумор меравад, ки ба одамон имконияти ба иттиҳод овардани саъю кушиш ва ба манфиатҳои умумӣ кор карданро таъмин менамояд. Ин воситаи амалӣ намудани дигар ҳуқуқҳои фитрӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ мебошад (A/HRC/20/27, саҳ. 5, б. 12). Ҳуқуқ ба озодии ассотсиатсия дар самаранок амалӣ намудани низоми демократӣ нақши муҳим дорад, зеро он асбоби таъмин намудани муколамаҳо, плюрализм, тоқатпазирӣ ва либеризм дар он ҷое, ки ақида ва бовари ва ё норозигии ақалиятҳоро эҳтиром менамоянд (A/ HRC/20/27, саҳ. 20, б. 84).

**Маъръӯзаи маъръӯзачии Махсуси СММ оид ба масъалаи ҳуқуқ ба озодии гирдиҳамоиҳои осоишта ва ассотсиатсияҳо Майна Киаи (ноябри 2014 с. ба табъ расидааст)**

http://www.freeassembly.net • https://www.facebook.com/mainakiai.sr • https://twitter.com/MainaKiai_UNSR • https://www.flickr.com/photos/mainakiai • сомони расмии ИКО ОХҲ (Идораи Олии Комисариати Оид ба ҳуқуқи инсон)

# Ҳуқуқ ба озодии ассотсиатсия

## Таҷрибаи пешқадам: ҳолатҳои калидӣ – Саҳифаи дуюм

### Оё ҳуқуқ ба озодии ассотсиатсияҳо имконияти дастрасӣ ба манбаъро дорад?

**Бале**

Имконияти дарефт, бадастовардан ва истифоданамудани манбаъҳои ватанӣ, хориҷӣ ва сарчашмаҳои байналмилалӣ, қисми ҷудонашаванда ва муҳими ҳуқуқ ба озодии ассотсиатсияҳо ба шумор меравад (A/HRC/20/27, саҳ. 17, б. 67; A/HRC/23/39, саҳ. 4, б. 8). Истилоҳи "манбаъ" мафҳуми васеъ буда, интиқоли воситаи пулӣ, хайриявии ғайрипулӣ, манбаъи моддӣ, инсонӣ ва ғ . фаҳмида мешавад (A/HRC/23/39, саҳ. 5,б. 10). Барои гирифтани маблағгузории ватанӣ ва ё байналмилалӣ, иҷозати намояндагони ҳукумат бояд лозим набошад (A/HRC/20/27, саҳ. 17, б. 68); иттиҳодияҳои бақайдгирифташуда ба бақайдгирифтанашуда, бояд барои озодона дарефт ва гирифтани маблағгузорӣ ва дигар манобеъ ватанӣ, хориҷӣ ва шахсони ҳуқуқии байналмилалиро ҳуқуқ дошта бошанд (A/ HRC/20/27, саҳ. 17, б. 68). Маълумоти зиедтарро дар "Принсипҳои умумии ҳифзи фазои ҷомеа ва ҳуқуқи дастрасӣ ба манобеъ" метонед дастрас намоед, ки аз ҷониби маърузачии Махсус якҷоя бо Ҷамъияти Демократӣ омода карда шудааст.

### Оё дар Интернет ҳуқуқ ба озодии ассотсиатсияҳо амал мекунад?

**Бале**

Давлатҳо ӯҳдадоранд ҳифзи ҳаматарафаи ҳуқуқ ба ассотсиатсияҳоро чӣ дар Интернет ва чӣ дар ҳаёти ҳақиқӣ, эҳтиром ва таъмин намоянд (Қарордоди Шӯъро оид ба ҳуқуқи инсон 24/5). Интернет, хусусан шабакаҳои иҷтимоӣ ва дигар технологияи робитавӣ (коммуникатсионӣ), асбоби муҳими мусоидат намудан ба амалигардонии ҳуқуқ ба озодии ассотсиатсияҳо дар ҷаҳон мебошад. Одамон ҳамчунин бо мақсади баен намудани ақидаи худ, дар фазои виртуалӣ ва интернет ҳуқуқи иттифоқ шуданро доранд (Қарордоди Шӯъро оид ба ҳуқуқи инсон 21/16). Ҳамаи давлатҳо ӯҳдадоранд дар дилхоҳ вақт, аз ҷумла ҳангоми ноороми сиесӣ дастрасӣ ба интернетро таъмин намоянд (A/HRC/17/27, б. 79). Дилхоҳ қарор дар бораи бастани контенти Интернет бояд аз ҷониби мақомоти суди босалоҳият, ки аз таъсиррасонии сиесӣ, тиҷоратӣ ва мамнӯъ озод аст, қабул карда шавад (дар ҳамонҷо)

### Оё намояндагони ҳукумат метавонанд ба корҳои дохилии иттиҳодия дахолат намоянд?

**Не**

Намояндагони ҳукумат ӯҳдадоранд аз дахолат намудан ба корҳои дохилаи иттиҳодия худдорӣ намуда, ва ҳуқуқи онро ба дахлнопазирии ҳаети шахсӣ, ки дар моддаи 17 Паймони Байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои фитрӣ ва сиесӣ пешбинӣ шудааст, эҳтиром намояд (A/HRC/20/27, саҳ. 16, б. 65). Намояндагони ҳукумат ҳуқуқ НАдоранд ба: қарор ва фаъолияти иттиҳодияро ба ягон шарт вобаста намоянд; интихоби аъзоени идора бекор намоянд; соҳибҳуқуқии қарорҳои аъзои идорирo ба иштироки намояндаи ҳукумат шарт гузоранд; пеш аз ба табъ расонидани ҳисоботҳо аз иттиҳодия, ҳисобот талаб намоянд; пешниҳоди нақшаҳои фаъолият барои тасдиқнамудан талаб намоянд (дар ҳамонҷо). Мақомотҳои мустақил ҳуқуқ доранд ҳуҷҷатҳои бахисобгирии иттиҳодияро ҳамчун механизми таъмини шаффофияти ҳисоботӣ санҷиш намоянд, вале чунин тартибот набояд худсарона бошанд ва принсипи роҳ надодан ба табъиз ва ҳуқуқ ба дахлнопазирии ҳаетро бояд эҳтиром намоянд (дар ҳамонҷо).



### Ҳуҷҷатҳои асосии Байналмилалӣ

Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои фитрӣ ва сиёсӣ, Моддаи 22:

1. Ҳар як инсон ба озодии ассотсиатсияҳо бо дигарон, аз ҷумла бо таъсиси иттифоқҳои касаба ва шомил шудан ба онҳо ба хотири ҳифзи манфиатҳои худ ҳуқуқ доранд.
2. Истифода аз ҳуқуқи мазкур тахти ҳеҷ навъ маҳдудият қарор дода намешавад, ғайр аз маҳдудиятҳое, ки дар қонун пешбинӣ шудааст ва дар ҷомеаи демократӣ барои манфиатҳои амнияти давлатӣ ва ё ҷамъиятӣ, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳифзи саломатӣ ва ахлоқи аҳолӣ ё барои ҳифзи ҳуқуқ ва озодии дигарон заруранд. Ҳамин модда барои ҷорӣ намудани маҳдудият дар бобати истифода аз ин ҳуқуқ барои ашхосе, ки ба ҳайати қувваҳои мусаллаҳ ё полис шомиланд, монеъ намегардад.

### Ҳамчунин ниг. ба:

- Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ: Моддаи 8
- Эъломияи умумии ҳуқуқи башар: Моддаи 20
- Конвенсияи байналмилалӣ дар бораи барҳамдодани тамоми шаклҳои табъизи нажодӣ: Моддаи 5(ix)
- Конвенсия оид ба ҳуқуқи кудак: Моддаи 15
- Конвенсия оид ба ҳуқуқи маъюбон: Моддаи 29
- Эъломия оид ба ҳуқуқҳифзкунандагон: Моддаи 5
- Конвенсияи ТБМ: No. 87, No. 98, No. 135

### Ҳуҷҷатҳои минтақавии калидӣ:

- Хартияи Африқоии ҳуқуқи инсон ва халқиатҳо: Моддаи 10
- Хартияи Африқоии ҳуқуқ ва давлатмандии кудак: Моддаи 8
- Эъломия Америкоии ҳуқуқ ва ухдадории инсон: Моддаи 22
- Эъломияи Америкоӣ оид ба ҳуқуқи инсон: Моддаи 16
- Эъломии Аврупоӣ оид ба ҳуқуқи инсон: Моддаи 11
- Хартияи Аврупоии Иттиҳоди ҳуқуқҳои асосоӣ: Моддаи 12

### Оё мубориза бар зидди ҷинояткорӣ метавонад асоси қонунӣ барои маҳдуд намудани ҳуқуқ ба ассотсиатсия бошад?

**Не**

Мубориза бар зиди қаллобӣ, азхуднамудани маблағ ва дигар ҷиноят ба манфиати қонунии давлат мебошад, вале манфиати қонунӣ худ аз худ асоси кофӣ намебошад. Маҳдудият бояд бо қонун муайян карда шавад ва дар ҷомеаи демократӣ "зарурат"дошта бошад. Ба манфиатнокии ҳифз бояд мутаносиб буда ва бояд барои бадастовардани мақсад камтарин маҳдудият дошта бошад (A/HRC/23/39, саҳ. 8, б. 23; ПБҲФС, М. 12).

### Оё ҳангоми интихобот нмояндагони ҳукумат метавонанд ба ҳуқуқи ассотсиатсияҳо маҳдудияти махсус гузоранд?

**Не**

Дар ҳаети дилхоҳ давлат дар марҳилаи интихобот барои устуворгардонии принсипҳои демократӣ ҳолати беҳамто мебошад. Дар марҳилаи интихобот остонаи маҳдуднамоӣ бояд заедтар нисбат ба давраи одатӣ бошад (A/68/299, саҳ. 10, б. 25). Агар ҳуқуқ ба озодии ассотсиатсияҳо маҳдуд шавад, ин интихоботи имконнопазир аст (A/68/299, саҳ. 20, б. 56). Иттиҳодияҳо дар пешбурдани фаъолияташон вобаста ба раванди интихобот, новобаста аз дастгирии ҳукумат, бояд озодӣ дошта бошанд (A/68/299, саҳ. 17, б. 46).

### Оё барои риоя накардани ӯҳдадории ҳисоботӣ ва ё вайронкунии ночизи қонун иттиҳодия барҳам додашуда ва ё фаолияташ боздошта мешавад?

**Не**

Агар иттиҳодия ӯҳдадории худашро ба ҳисоботпешниҳоднамоӣ иҷро накунад, чунин ҳуқуқвайронкунии қонун набояд ба барҳамдиҳии иттиҳодия ва ё таъқиботи ҷиноятии намояндагони он бурда расонад; аз иттиҳодия метавонанд ислоҳи фаврии ҳолатро талаб намоянд (A/HRC/23/39, саҳ. 12, б. 38). Боздоштани фаъолият ва барҳамдиҳии маҷбурии иттиҳодия, дар ҳолате бояд иҷозат дода шавад, ки хатари айён ва бевоситаи вайронгардидани қонунгузории миллӣ вуҷуд дошта бошад, ва чунин чораҳо бояд тибқи меерҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон бояд гузаронида шавад. Ҳамчунин, бо қонун аз руи мақсад бошад, ва дар ҳолате истифода шавад, ки чораҳои сабуккунанда кофӣ набошанд (A/HRC/20/27, саҳ. 18, б. 75). Ба ғайр аз ин чунин чораҳои қатъӣ танҳо аз тарафи суди босалоҳият ва мустақил бояд қабул карда шавад (A/HRC/20/27, саҳ. 18, б 76).

### Оё ҳангоми вайроншудани ҳуқуқи ман ба ассотсиатсия, ман ба ҳифзи самаранок ҳуқуқ дорам?

**Бале**

Давлатҳо барои самаранок баррасӣ намудани шикоятҳо, мутсаъқилона, саривақт ва ҳаматарафа тафтиш намудани ариза оид ба поймол гаштани ҳуқуқи инсон, аз ҷумла ҳуқуқ ба озодии ассотсиатсияҳо ӯҳдадоранд механизмҳои дастрас фароҳам оваранд (A/HRC/20/27, саҳ. 19, б. 77). Дар ҷое, ки маҳдудияти беасоси ҳуқуқ ба озодии ассотсиатсияҳо ҷой дорад, ҷабрдида ва ё ҷабрдидагон ба товони зарар ва талофи ҷуброни боадолат ва кофӣ доранд, бояд ҳуқуқ дошта бошанд (A/ HRC/20/27, саҳ. 19, б. 81).